*ТДУ 348*
*ТКБ 74.266.5я 73*

# ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ПЕШҚАДАМ ДАР ТАСВИРИ НИМПАЙКАРАҲОИ ГАҶИИ ДАВРОНИ АТИҚА ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Мирзабоев Зикрилло Зиёдуллоевич***, *н.и.п., дотсент;* ***Алимбоева Нодира Бурҳоновна,*** *муаллими кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПЕРСПЕКТИВНЫХ МЕТОДОВ ИЗОБРЕТЕНИЯ ГИПСОВЫХ СТАТУЙ АНТИЧНОГО ПЕРИОДА В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

***Мирзабоев Зикрилло Зиёдуллоевич,*** *к.п.н., доцент;* ***Алимбаева Нодира Бурхоновна,*** *преподаватель кафедры черчения, начертательной геометрии и методики преподавания ГОУ "ХГУ имени акад.Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд),*

# THE USE OF ADVANCED METHODS FOR IMAGING GYPSUM STATUES OF ANTIQUE PERIOD IN THE EDUCATIONAL PROCESS

***Mirzaboyev Zikrillo Ziyodulloyevich***, *candidate of pedagogical sciences, Ass.Prof. of the department of technology and its methods of teaching;* ***Alimbayeva Nodira Burhonovna***, *lecturer of the department of drawing, descriptive geometry and its meth ods of teaching under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *alimbaeva.n.b@gmail.com*
.

***Вожаҳои калидӣ***: *санъати тасвирӣ, графика, тарфнамо, эҷод, эҳсос, зебоипарастӣ, рассом, ҳамворӣ, гаҷ, ранг, соя*

*Дар мақола истифодаи усулҳои пешқадами тасвири пайкараҳои гаҷии давраи атиқа таҳлил гардида, дар асоси онҳо пой дар пой тасвир намудани сари аз гаҷӣ сохташуда нишон дода шудааст.Қайд мешавад, ки бароит баланд бардоштани завқу шавқи донишҷӯён ба машғулиятҳои дарси расмкашӣ истифодаи якчанд усули таълим тавсия кардан лозим аст. Хотирнишон мегардад, ки дарси расмкашӣ ба талабагон асосҳои тасвирро меомӯзонад, фаъолияти эҷодии онҳоро ҳамаҷониба такомул медиҳад, ба фаҳмидан ва эҳсос кардани зебоии табиат ва санъат ёрӣ медиҳад. Дар мақола фикру ақидаҳои олимон таҳлил гардида, тасвир намудани сари гаҷӣ ба пуррагӣ шарҳ дода шудааст. Усулҳои тасвири сари гаҷӣ бо мақсад ва пайдарпай нишон дода шудааст. Афзалиятҳои дарси расмкашӣ зикр гашта, бо далелҳо ҳаллу фасл шудааст.*

***Ключевые слова:*** *изобразительное искусство, графика, перспектива, чувство, творчество, эстетика, художник, плоскость, гипс, цвет*

*В статье определены методы поэтапного рисования гипсовых голов, цель и задачи художественных дисциплин на основе обучения и дисциплины. Отмечается, что для повышения интереса студентов к обучению и к художественным занятиям необходимо применять разнообразные методы и повысить качество преподавания. Подчеркивается, что художественная дисциплина обучает студентов основе рисования, развивает всестороннюю творческую деятельность, помогает понять красоту и чувство природы искусства.*
*В статье анализированы и представлены теории учёных, которые в процессе рисования использовали в полной мере гипсовые головы, и метод рисования голов показан поэтапно. Упоминается о приоритете дисциплины рисунка, что аргументируется фактами и примерами.*

***Key words:*** *fine art, graphics, perspective, feeling, creativity, aesthetics, artist, plane, plaster, color*

*Proceeding from training and discipline the authors define methods of stage-by-stage drawing of plaster heads, the purpose and objectives of art disciplines. In order to increase students` interest in learning and art pursuits they present the quality of teaching methods. It is underscored that the art discipline teaches students basics of drawing, develops all-round creative activities and helps to understand the beauty and sense of the nature of art.*

*The article analyzes and presents theory of scientists who used plaster heads to full the process of drawing. The method of drawing heads is shown in stages. The priority of drawing discipline is mentioned, reasoned with facts and examples as well.*

Санъати тасвирӣ дар ҳама давру замон инъикоскунандаи фарҳанг ва маданияти мардум ба ҳисоб рафта, дар ҷамъият ва тарбияи эстетикии халқ нақши муҳимеро мебозад. Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши санъати тасвирӣ инкишофи сатҳи маърифат ва ба зебипарастӣ омода кардани талабагон мебошад. Дарси санъати тасвирӣ ба талабагон асосҳои тасвирро меомӯзонад, фаъолияти эҷодии онҳоро ҳамаҷониба такомул медиҳад, ба фаҳмидан ва эҳсос кардани зебоии табиат ва санъат кӯмак мекунад, муносибати эстетикии бачаҳоро нисбат ба ҳодисоти муҳити атроф ташаккул медиҳад.Фанни “Санъати тасвирӣ” яке аз муҳимтарин фанҳои соҳаи «Дизайн» ба ҳисоб рафта, дар ҳамин асос тайёр намудани донишҷӯёни бакалаври ихтисоси «Дизайн (графикӣ)» модули омӯзиш аз тасвирҳои содаи шаклҳои геометрӣ то тасвирҳои шакли мураккаб, яъне тасвир намудани инсонро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, ҷойи муайянро дар барномаи таълимии “Санъати тасвирӣ” иҷроиши расмҳои академӣ, тасвирҳои гаҷии сари қаҳрамонҳои даврони атиқа дар ҳолатҳои гуногун ишғол мекунанд. Маъмултарин намунаҳои сохти тани инсони зебо ва тақсимоти нисбии даврони атиқаро - Аполлон, Довуд, Геракл, Зевс ва дигарон дар бар мегирад, ки худ онҳо тавсияи методии пурарзиш шуда метавонанд. Ин ҷо дар назди омӯзгор - рассом масъалаи ҷиддии касбӣ- омӯзонидани тасвирҳои академӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳа ба миён меояд. Барои омӯзиши тасвирҳои академӣ донишҷӯёни бакалаври, ихтисоси “Дизайн (графикӣ)” омӯхтани қонуниятҳои тарфнамо, тарфнамои хаттӣ мавқеи муайян доранд. Аммо усулҳои омӯзиши намунаҳои сари аз гаҷ сохтаро, ки дар барномаи таълимӣ тавассути мавзӯи “Тасвири сари инсон” ҷорӣ карда шудааст, барои дар сатҳи баланд иҷро намудани маҳорати тасвирӣ на он қадар мусоидат мекунад. Чи хеле ки маълум аст, дар бисёре донишҷӯён қабули ахбори биноии тасвир мушкил эҷод мекунад. Дар марҳилаи аввали тасвир таҳлили шаклҳои сар ва нишон дода тавонистани дурнамои муҳит ба донишҷӯён душвор аст. Дар ин маврид усули “бурида тақсим кардан”, усули “сарҷамъ ” барои осон намудани банақшадарории шакл, раванди қабул ва тасвир бисёр зарур аст. Чунин “тақсимот”-и шаклҳои душвори геометрӣ ба намуди сода барои қабули усули умумӣ ва конструксия ёрӣ расонида, дарккунии фазоии объекти тасвиршавандаро ташкил медиҳад.



***Расми 1. Албрехт Дюрер “Бурида тақсим кардан”***

Ин усули “Бурида тақсим кардан”-и шакли душвор ба шаклҳои сода бе машқҳои дурнамои хаттӣ ғайриимкон аст.

Якчанд омили тарфнамои хаттии тасвири сари инсонро дар фазо дида метавонем. Бояд қайд кард, ки назарияи тарфнамои хаттӣ ва усулҳои асосии проексияи марказӣ аз таҷрибаҳои эҷодии рассомон - меъморон пайдо шуда, ба илми дақиқ мубаддал гашта, тасвирҳои меъморони муосир ва дизайнерон ба сатҳи баланди қабули биниш имкон фароҳам намудааст.

С.Олов чунин мешуморад, ки “Перспектива (тарфнамо.-З.М., Н.А.) грамматикаи санъати тасвирӣ ба ҳисоб меравад. Дар амалиёти муҳандисӣ ин намуди тасвирсозӣ хеле васеъ истифода бурда мешавад” [4, с.140].

Perspective- калимаи фаронсавӣ буда, мазмуни тарфнаморо дорад. Усули гузаронидани ҷузъиёти аз расм дар рӯйи ҳамворӣ, ки дар он ҳама тағйироти тарфнамо сабт мешавад.

Дар санъати тасвирӣ оғози истифодаи перспективаро ба давраи Эҳё мансуб мешуморанд. Рассомон ва мутафаккири олмонӣ Албрехт Дюрер аввалин шуда зарурати истифодаи перспективаро дар тасвир асоснок ва дастгоҳашро ихтироъ кардааст[5, с.6].



***Расми 2. Тарфнамо***

Ташаккули илми тарфнамо дар давраи Эҳё дар корҳои рассомон ва меъморони итолиё Филиппо Брунеллески (1377- 1446), Пиеро дела Франческа (1416-1492), Леона Баттиста Алберти (1404-1472), Леонардо да Винчи (1452-1512) ва Албрехт Дюрер (1471-1528) ба дараҷаи олӣ расид.

Саҳми босазоро дар таърихи санъат ва меъморӣ Леон Баттиста Алберти, ки худ риёзиётшинос, шоир, санъаткор, файласуф ва меъмори машҳури даврони оғози Эҳё ба ҳисоб мерафт, гузошта буд. Маҳсули кори ӯ “Даҳҳо китоб оид ба меъморӣ” ба ҳисоб меравад, ки дар он назарияи тарфнамо, тақсимоти тасвир оварда шудааст. Ӯ худ навиштааст: “...номи мо ба шуҳрат сазовор аст, зеро мо бе устодон намунаҳои санъат ва илмро омода намудем” (2 с.8).

Агар асоси назария ва таҷрибаи илм оид ба тарфнамои хаттӣ ва тақсимот дар даврони Эҳё оғоз гашта бошад, то он дам назарияи тарфнамои ҳандасавӣ, тарфнамои тонӣ (назарияи торику равшанӣ, тарфнамои ҳавоӣ) аз асри XVIII ташаккул ёфта, ба хусус дар корҳои асосгузори илми “Ҳандасавӣ тасвирӣ” Гаспар Монж (1795) инъикос гаштааст. Назария оид ба соя ва сояи афканда, дар натиҷа, мазмуни муайяни худро дар тасвирҳои графикӣ ва расм пайдо намуд. Назарияи тарфнамо, тарфнамои хаттӣ, дурнамои ҳавоӣ дар тасвирҳои ҳамвор, дарксозии шаклҳои сеченака дар фазо ранги илмиро гирифт. Тамоми тобишҳои ранг ва сояи афканда дар он ҷорӣ шуда, асоси омӯзиши тасвир сари одам ба ҳисоб меравад.

Усули пайдарҳамӣ дар раванди тасвир намудан бояд пурра иҷро карда шавад, зеро иҷро нашудани яке аз ин пайдарҳамиҳо дарки омӯзиши маводи хонишро суст мегардонад.

Дар санъати тасвирӣ яке аз мавқеъҳои муҳимро тасвирҳои мавзӯӣ ишғол мекунанд, ки дар онҳо зарурати тасвирӣ гуногуни одамон ва бачаҳо ба миён меояд. Дар омӯзиши ин намуди тасвир кӯмаки омӯзгор, яъне шахси мутасаддӣ зарур аст. Дар тасвири одам аз усули сохтани конструктивӣ истифода бурда мешавад. Барои омӯзиши пай дар пай аввал тасвири ниқоб, нимтанаи гаҷӣ ва сипас тасвири андоми одам иҷро карда мешавад.

Донишҷӯён бояд пай дар пай марҳилаҳои алоҳида ва қисмҳои онро пурра тасвир созанд, зеро ҳар як марҳилаи гузашта ба марҳилаи оянда тайёр месозад. Дар натиҷаи иҷроиши пайдарҳамии тасвир донишҷӯён ба фикррони, хулосабарорӣ, фаҳмиши сохти тасвир одат мекунанд.



***Марҳилаи аввал. Ҷойгир намудани тасвир***

Дар марҳилаи аввал аз донишҷӯ талаб карда мешавад, ки хусусияти шакли сари инсон ва андозаи он нисбат ба қоғази корӣ ёфта шавад. Андозаи тасвири тақсимоти сар - нисбат ба баландӣ ва васеӣ муайян карда шавад. Донишҷӯён дар раванди тасвир намудан дурустии ҷобаҷогузориро дар сатҳи қоғази корӣ омӯзанд. Набояд, ки тасвири “Калон” ва “Хурд” дар сатҳи корӣ ҷойгир бошад. Агар қолаби гаҷӣ ва ё сар аз паҳлӯ тасвир гардад, то он дам хати рӯи васеътар нисбат ба пушти сар бояд бошад.



***Марҳилаи 2 . Муайян намудани хусусияти шакли сар, тақсимоти он ва холии тарфнамо.***

Ҳангоми тасвири сари гаҷӣ донишҷӯ андозаҳои асосии қисми рӯйро аз баландии сар то камони қош (баландии пешонӣ), аз камони қош то кунҷи бинӣ, аз кунҷи бинӣ то охири манаҳ-қисми поёнии рӯй мегузоранд.

Иҷроиши тасвири сар дар ҳар гуна ҳолат вазифаи душвор буда, онро танҳо рассоми ботаҷриба дуруст анҷом дода метавонад. Зеро чи гуна кӯтоҳшавии шаклҳо дар чуқурӣ, калон шудани андоза ҳангоми наздик шудан ба бинанда тавассути таҷриба фаҳмиш ва тасаввуроти пурра пайдо мегардад. Ба ин асос, пеш аз сари гаҷиро ҳамчун намунаи объекти тасвиршаванда гузоштан барои донишҷӯёни курсҳои аввал аз ҳар гуна ҳолатҳо худдорӣ намудан лозим аст.

Дар натиҷа, донишҷӯён бо хусусиятҳои сохти шакли сари инсон шинос гашта, анатомияро низ чуқур меомӯзанд. Ҳангоми аз назар гузаронидани шакли сари одам бояд маҳдудияти онро дар сатҳи фазоӣ дар назар дошт. Барои муайян намудани сатҳи корӣ бояд донишҷӯро ба истифодаи хатҳое, ки шакли нақшаро ташкил намуда, сохти ҳаҷмро кушода медиҳад, омӯзонанд.

Баъди омӯхтани шаклҳои пластикии сар донишҷӯ, донишҳо оид ба тарфнаморо мустаҳкам месозад.

Дар оғози коркади қисмҳои шакл ба рассомони камтаҷриба гузаштан аз як қисми рӯй ба дигар қисм тавсия дода намешавад. Донишҷӯ бояд қисмҳои рӯйро бо якдигар пайваст намуда, доимо дар раванди иҷроиши кор таҳлил намояд, то ки ҳама қисмҳои шакл бо ҳам алоқаманд гарданд. Мисол, дар тасвири бинӣ бояд мавқеи он нисбат ба кунҷи пеши чашм, рухсор, гӯш, кунҷҳои лаб ба инобат гирифта шавад.

Ҳангоми тасвири мӯй дар назар дошт, ки он бояд ба шакли сар хобад. Дар раванди коркарди мӯй донишҷӯён мӯйи сар ва торҳои онро алоҳида-алоҳида тасвир накарда, балки ба шакли сар диққат диҳанд. Сараввал, бояд тарҳи мӯйи сар ва ҳама кокулонро тасвир намуда, баъдан коркард намудан лозим аст.



*Марҳилаи 3.Кор бо қисмҳо*

Дар ин марҳила донишҷӯён пурра ҳар як қисмҳоро коркард намуда бодиққатии ҷиддӣ ба гузориши торикиву равшанӣ аҳамият дода, рефлексҳо ва сатҳро аз худ кунанд. Омӯзгор бо техникаи тасвир ва намунаҳо донишҷӯёнро шинос намуда, иҷрои машқҳо доир ба усулҳои гуногуни тасвир вазифа дода шавад. Бояд қонуниятҳои ҷойгиршавии торикиву равшанӣ, контраст, тарфнамои ҳавоӣ шарҳу тавзеҳ ёбад.

Ранг, соя ва сояи афкандаи объекти тасвиршаванда вобаста ба дурӣ ва ё паст намудани равшанӣ паст ва ё баланд нисбат ба замина (фон) мегардад [3,с.31].
Бо чунин қонун қисми равшани сари гаҷӣ нисбат ба фон ториктар ба назар расида, ҷойи торики сари гаҷӣ равшантар ба назар мерасад.



*Марҳилаи 4. Моделиронии шакл*

Дар марҳилаи охирин донишҷӯ кори иҷронамударо ҷамъбаст намуда, тасвирро сарҷамъ менамояд. Сарҷамъ намудан аз таҳлил ва муайянсозии қисмҳои сар, баъдан таҳлили нисбиятҳои ҳамдигарии вобаста ба тамоми шакл таҳлил мешавад. Дар ин марҳила бояд ҷойи аз ҳама равшан ва аз ҳама торикро дар гаҷ нишон дода, тасвирро ба шакли комил оварда расонд.

Аз гуфтаҳои дар боло зикргашта, ба хулоса омадан мумкин аст, ки усулҳои муосири омӯзиш ба донишҷӯёне, ки ихтисоси дизайнро пеш гирифтаанд, риояи талаботи зерини омӯзгориро пешкаш месозад:

-асоси илмии риояи талаботи омӯзгорӣ ба фаъол намудани дарки шакли тасвиршаванда ва маҳорати таҳлили сохти сари инсон, истифодаи қонуниятҳои тарфнамои хаттӣ дар таҷриба ёрӣ мерасонад.

-сифати баландбардории омӯзиши дурнамои тасвир метавонад тавассути ҳар гуна машқҳо, масъалаҳо, ки ба ташаккули хотираи зеҳнӣ равона карда шудааст, такомул ёбад.

-гуногунии маводи омӯзиш, усулҳои омӯзгор ва таҷрибаи эҷодии донишҷӯ ба фаъолият ва ташаккули мақсадноки ҳисси зебоипарастии донишҷӯ мусоидат мекунад.

**ПАЙНАВИШТ:**

1.Исломов,О.Марҳилаҳои тасвир/О.Исломов,З.Мирзабоев.-Хуҷанд:“Нури маърифат”,2017-116 с.

2.Непомнящий,В.М.Практическое применение перспективы в станковой картине/ В.М.Непомнящий, Г.Б.Смирнов.– М.: Просвещение, 1978. – 119 с.

3. Гипсовый портрет маски /Авт.-сост.: А.Ф. Конев, И.Б. Маланов. – М.: АСТ, Мн.: Харвест, 2006. – 32 с.

4.Олов,С.Геометрияи тасвирӣ/С.Олов,Ю,Юсупов,Ш.Тоирова.-Хуҷанд:Нури маърифат-2016.-174 с.

5. Холматов, Ҷ.М. Дастури методӣ аз расмкашӣ/ Ҷ.М. Холматов, А.Б.Исоев, Ҳ.А.Ҷалилова.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.-60 с.

6. Шорохов, Е.В. Художественный образ и искусство. Вопросы истории, теории и методики преподавания изобразительного искусства/Е.В. Шорохов.-М.: Прометей, 1998. - 226 с.

**REFERENCES:**

1.Islomov,O.A.Drawing Stages/O.A.Islomov,Z.Z.Mirzaboyev.-Khujand:Light of Enlightenment, 2017. - 116 p.

2.Nepomnyashchy, V.M., Smirnov G.B. Practical Application of Perspective in Easel Painting / V.M. Nepomnyashchy, G.B. Smirnov. - M.: Enlightenment, 1978. - 119 p.

3. Plaster Portrait of a Mask / Author-compiled by: A.F. Konev, I.B. Malanov. – M.: AST, Minsk: Harvest, 2006 .- 32 p.

4. Olov, S, Yusupov Yu, Toirova Sh. Descriptive Geometry / S. Olov, Yu. Yusupov, Sh. Toirova. - Khujand: Light of Enlightenment, - 2016. - 174 p.

5. Kholmatov, J.M. A Manual on Painting / J.M. Kholmatov, A.B. Isoyev, H.A. Jalilova. - Khujand: Light of Enlightenment, 2018. - 60 p.

6. Shorokhov E.V. Artistic Image and Art. Issues of History, Theory and Methods of Teaching Fine Arts /E.V. Shorokhov. - M.: Prometheus, 1998. - 226 p.